**ПРОТОКОЛИ № 55.2**
**маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

**аз 22.07.2026** **ш. Хуҷанд**

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 11 нафар аъзои шуро 10 нафар

**Муовини раиси шуро:** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бобоҷониён Д.Д.

Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ. Маҷлиси шурои диссертатсиониро оғоз менамоем. Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.08.2025, №289/шд тасдиқ шудааст, 10 нафар иштирок доранд, ки 4 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи барасишаванда ба ҳисоб меранд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Саидӣ Дилфуза Ӯктамзода дар мавзуи «Такомули механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар вилояти Суғд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор д.и.и., профессор Раҳимов А.М., узви комиссия, д.и.и., профессор Дадоматов Д.Н. ва н.и.и., дотсент Саиджонов С.Ш. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Саидӣ Дилфуза Ӯктамзода дар мавзуи «Такомули механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар вилояти Суғд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Саидӣ Дилфуза Ӯктамзода дар мавзуи «Такомули механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар вилояти Суғд» барои

дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ пешниҳод гардидааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Саидӣ Дилфуза Ӯктамзода дар мавзуи «Такомули механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар вилояти Суғд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. **Муқарризони расмӣ** таъин карда шаванд:

- Самандарзода Искандар Ҳусейн, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур;
- Ҷумаев Аскар Қаюмович, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукии Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд»- и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

3. Ба ҳайси **муассисаи пешбар** Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 03 октябри соли 2026, соати 09:00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 10 нафар, муқобил нест; бетараф – нест. **Якдилона қабул карда шуд.**

**Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,**
**д.и.и., профессор** **Бобоҷониён Д.Д.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**н.и.и., дотсент** **Саиджонов С.Ш.**